*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 69 (4652) | ЧОРШАНБЕ, 24 МАЙИ СОЛИ 2023 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

## САФАРИ КОРИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ШАҲРИ ТУРСУНЗОДА

**24 - уми майи соли равон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Турсунзода Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 93-ро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.**

Иншооти таълимӣ аз 2 ошёна ва 5 қисм иборат буда, бо 27 синфхона, китобхона, 5 ҳуҷраи корӣ, толори маҷлис бо 196 ҷойи нишаст ва ҳуҷраи алоҳидаи тиббӣ барои 1280 хонанда дар ду баст пешбинӣ гардидааст.

Ба Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки ҳоло дар ин муассиса 400 нафар хонанда таҳсил менамоянд.

Синфхонаҳои фаннии физика, химия, математика, биология, технологияи иттилоотӣ ва ғайра бо таҷҳизоти зарурӣ, аз қабили тахтаҳои электронӣ, проектор ва аёнияти замонавии хониш таъмин буда, барои хонандагон шароити хуби таҳсил фароҳам аст.

Дар синфхонаи компютерӣ 25 компютери тамғаи нав мавҷуд буда, раванди таълим бо истифода аз воситаҳои муосири электронӣ сурат мегирад.

Дар муассиса маҳфилҳои ровиёни ҷавон, бозиҳои зеҳнӣ ва суруду мусиқӣ амал мекунанд, ки дар онҳо хонандагон бо завқу шавқи зиёд иштирок менамоянд. Ошхонаи муассиса дорои шароити хуб аст ва аз 100 ҷойи нишаст иборат мебошад.

Синфхонаи таълими меҳнати писаронаро бо асбобҳои дуредгарӣ ва духтаронаро бо мошинаҳои дарздӯзию ашё барои пухтупаз таъмин намудаанд.



Барои ба машқу тамрин ва ҳар гуна бозиҳои шавқовар машғул шудани хонандагон толори замонавии варзишӣ муҷаҳҳаз бо таҷҳизоти зарурӣ бунёд намудаанд.

Ғайр аз ин, муассиса дорои майдони кушоди варзиш мебошад, ки дар масоҳати 80 метри мураббаъ бунёд шудааст. Дар иншооти варзишӣ барои бозиҳои футболи хурд, волейбол, баскетбол, тениси рӯи миз ва ғайра шароит муҳайё мебошад.

Муассиса бо маблағгузории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Гурӯҳи татбиқи лоиҳаи «Таҷдиди идомаи сохтмони мактабҳои миёна» дар деҳаи Файзбахши деҳоти «10 - солагии Истиқлолият» дар масоҳати 12 ҳазор метри мураббаъ бунёд карда шудааст.

Корҳои сохтмониро ширкати «Содот сохтмон» бо ҷалби мутахассисони маҳаллӣ моҳи марти соли 2021 оғоз намуда, бо назардошти талаботи соҳаи маориф ва риояи қоидаҳои меъморию сохтмонӣ сифатнок ба анҷом расонид.

Дар деҳаи Файзбахш асосан муҳоҷирони дохилии ихтиёрӣ, ки аз дигар шаҳру ноҳияҳои мамлакат омадаанд, зиндагӣ мекунанд ва ин муассисаи нави таълимӣ бо назардошти дар оянда зиёд шудани аҳолӣ дар деҳаи мазкур бунёд шудааст.

Барои омода намудани кӯдакон ба мактаб маркази инкишофи кӯдак ташкил намудаанд, ки дорои аёнияту бозичаҳои зиёд аст.

Гармӣ дар муассиса тавассути буғхонаи алоҳида таъмин мешавад. Таҷҳизоти гармидиҳӣ 2 адад буда, навтарин истеҳсолот мебошад ва ба навбат истифода мегардад. Дар муассиса хати алоҳидаи барқ кашида, трансформатори алоҳида бо иқтидори 160 кВт васлу насб шудааст.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сохтмончиён барои бунёди чунин бинои замонавӣ ва муҷаҳҳаз намудани он бо воситаҳои зарурии таълимӣ изҳори сипос намуда, омӯзгоронро ба масъулиятшиносӣ дар тарбияи наврасону ҷавонон ва истифодаи самарабахши имконияти мавҷуда ҳидоят карданд.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**



## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи озод намудани судяҳо**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

1. Холматзода Сафаралӣ Қурбон аз вазифаи судяи Суди вилояти Хатлон, Қодирзода Ҳасан Нурулло аз вазифаи судяи Суди вилояти Хатлон, Муҳидинзода Сайфидин Салоҳ аз вазифаи муовини якуми раиси Суди шаҳри Бохтари вилояти Хатлон бо сабаби расидан ба синни ниҳоии дар вазифаи судя будан озод карда шаванд.

2. Садриддинзода Насрулло аз вазифаи раиси Суди ноҳияи Ҷаббор Расулови вилояти Суғд, Қодирзода Зафар Абдураҳим аз вазифаи судяи Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, бинобар содир намудани кирдоре, ки шаъну эътибори судяро паст мезанад, озод карда шаванд.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 23 майи соли 2023, № 564**

Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум

## «СЕРТИФИКАТИ ҲУҚУҚИ ИСТИФОДАИ ЗАМИН» БА «ШАҲОДАТНОМА ДАР БОРАИ БАҚАЙДГИРИИ ДАВЛАТӢ» ИВАЗ МЕШАВАД

**24 – уми майи соли соли 2023 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум баргузор гардид.**



**РАИС - Вакилони арҷманд!**

Хоҳиш мекунам, аз қайд гузаред.

Ҳоло дар толор 58 вакил ҳузур доранд.

Имкон фароҳам шуд, ки ба кори ҷаласа шурӯъ намоем.

Чӣ гуна андешаҳо ҳаст? Нест.

Мутобиқи моддаи 34 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашумро кушода эълон менамоям.

**Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Дар ҷаласаи имрӯза Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ - Намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Зариф Ализода, вазири энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷумъа Далер Шофақир, раиси Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон Хоҷазода Ориф Ашӯрӣ, сардори Хадамоти зидиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Муминзода Абдулмаҷид Мубин, директори Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Темурҷон Абдулваҳобзода, директори генералии Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷиктрансгаз» Хол Карим ва дигар шахсони даъватшуда иштирок доранд.

**Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Ба рӯзномаи ҷаласаи навбатӣ се масъала пешниҳод шудааст, ки нусхаи он дар дасти шумо ҳаст.

Доир ба рӯзнома таклифу пешниҳоди дигар нест? Набошад, хоҳишмандам нисбат ба рӯзнома мавқеатонро муайян намоед.

*Дар бораи рӯзномаи ҷаласа бо фарогирии масъалаҳои зерин Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид:*

**1. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафт ва газ»**

**2. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон»**

**3. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон».**

**РАИС:** - Ба баррасии масъалаҳои рӯзнома шурӯъ менамоем. Аз рӯи масъалаи якум сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатся Музафарҷон Маҳмудзода дода мешавад. Марҳамат.

**Музафарҷон МАҲМУДЗОДА:**
**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафт ва газ» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон А. Хайрулло, Б. Аҳмадзода, М. Маҳмудзода, П. Шодизода ва А. Ғаффорзода бо мақсади бартараф намудани мухолифату норасоиҳои ҷойдошта дар қонуни амалкунанда, истифодаи истилоҳу ибораҳо бо назардошти услуби ягона, техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ ва мантиқи ҳуқуқӣ, мушаххасу мукаммал гардонидани меъёрҳо ва мутобиқгардонии меъёрҳои моддаҳо ба талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия ва пешниҳод шудааст.

Бо Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қонуни мазкур ба Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия барои баррасӣ, ба кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати мамлакат барои додани хулоса ва ба Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон барои пешниҳоди хулосаи ҳуқуқӣ супорида шуд.

Бо мақсади танзими муносибатҳои махсуси соҳаи нафту газ ва аз байн бурдани ихтилофот тибқи қисми 1 лоиҳаи қонуни мазкур пешниҳод мегардад, ки ба моддаи 1 мафҳумҳои нав, аз қабили конденсати газ, гази табиии моеъ, ҳамчунин талафоти технологӣ, илова шавад.

**(Давомаш дар саҳ. 3)**

## ҲАР КОРУ ИҚДОМЕ, КИ МО ИМРӮЗ АНҶОМ МЕДИҲЕМ, БАРОИ ҶАВОНОН АСТ

### Паёми шодбошии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон

**шаҳри Душанбе, 22 майи соли 2023**

**Ҷавонони саодатманду сарбаланди кишвар!**

Ҳамаи шуморо ба ифтихори Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон, ки яке аз санаҳои муҳими таърихи кишвари соҳибистиқлоламон мебошад, самимона табрик мегӯям.

Мехоҳам бо қаноатмандӣ иброз намоям, ки Тоҷикистон кишвари ҷавонон аст ва бо дарназардошти саҳм ва нақши онҳо дар ҳаёти ҷомеа ва давлат дар сиёсати пешгирифтаи давлату Ҳукумати Тоҷикистон ҷойгоҳи афзалиятнок доранд.

Мо бо ҷавонони кишвари худ ифтихор мекунем, зеро онҳо бо иштироки фаъолонаи худ дар ҳамаи соҳаҳо дар рушди давлат ва ободии Ватан саҳми арзишманд мегузоранд, марзу буми сарзамини аҷдодиро ҳимоя мекунанд, ватандӯсту ватанпараст, бонангу номусанд ва ба халқу давлати Тоҷикистон содиқ мебошанд.

Ҳукумати мамлакат ҳанӯз аз оғози даврони соҳибистиқлолӣ ба ҷавонон таваҷҷуҳ ва ғамхории махсус зоҳир намуда, амалӣ гардонидани тадбирҳои заруриро ба хотири дастгирии ҳамаҷонибаи онҳо то ба имрӯз идома дода истодааст.

Тайи беш аз се даҳсола ҷиҳати пешбурди сиёсати давлатии ҷавонон, фароҳам овардани шароити мусоид барои рушду инкишофи қобилияту истеъдоди онҳо ва ҳалли масъалаҳои вобаста ба зиндагиву фаъолияти ин сершумортарин қишри иҷтимоӣ як силсила нақшаву барномаҳо қабул ва амалӣ шуда истодаанд.

Санаду барномаҳои қабулгардида риояи ҳуқуқҳои конститутсионии ҷавононро таъмин намуда, ба таҳкими мақоми онҳо дар ҳаёти сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву маънавии ҷомеа, беҳтар гардидани шароити зиндагиву таҳсил, касбомӯзӣ ва фаъолияти пурсамари ҷавонон, тақвияти худшиносиву худогоҳӣ ва ҳисси миллии онҳо мусоидат мекунанд.

Такроран таъкид менамоям, ки Ҳукумати мамлакат пешбурди муназзаму муваффақонаи сиёсати ҷавононро аз ҷумлаи самтҳои афзалиятнок ва муҳимтарини фаъолияти худ меҳисобад. Зеро мо хуб дарк мекунем, ки таваҷҷуҳ ба ҷавонон – ғамхориву сармоягузорӣ ба хотириояндаи ободу пешрафтаи миллати тоҷик ва таҳкими неруи давлати тоҷикон мебошад. Аз ин лиҳоз, мо дар сиёсати худ ҷавононро неруи созандаву бунёдкор, пешбарандаи ҷомеаи навини кишварамон ваояндаи халқамон эълон кардем ва дар ҳалли ҳамаи масъалаҳои ҳаёти ҷомеа ва давлат то имрӯз ба онҳо такя мекунем.

Ҳар кору иқдоме, ки мо имрӯз анҷом медиҳем, барои ҷавонон аст.

Чунки зимомиояндаи Ватан ва давлат дар дасти онҳо мебошад.

Мо ҷавононро бояд тавре тарбия карда, ба камол расонем, ки онҳо фардо тавонанд Ватан ва давлатро соҳибӣ кунанд, онро обод созанд, боз ҳам пешрафта гардонанд ва миллату давлати худро ба аҳли башар ба таври шоиста муаррифӣ намоянд.

**Ҷавонони азиз!**

Ман дар суханрониҳои худ борҳо таъкид кардаам ва бори дигар хотирнишон менамоям, ки шумо бояд ҳамеша ҳушёру зирак бошед, дар шароити торафт вусъат гирифтани равандҳои ҷаҳонишавӣ, бархӯрди тамаддунҳо ва таъсири манфии унсурҳои фарҳангиву тамаддунии бегона манфиатҳои давлативу арзишҳои миллиро ҳимоя кунед ва дар мубориза бо ҳама гуна таҳдиду хатарҳои бар зидди давлату миллати худ равонагардида омода бошед.

Як нуктаи бисёр муҳимро ҳаргиз фаромӯш накунед: дар назди ҷомеаи мо, ки қисми асосии онро ҷавонон ташкил медиҳанд, масъалаҳое қарор доранд, ки дар замони ҷаҳонишавӣ, ташаннуҷи рӯзафзуни авзои сиёсии ҷаҳон ва тағйиру таҳаввулоти босуръати он, инчунин, торафт вусъат гирифтани миқёси таҳдиду хатарҳои муосир, аз ҷумла терроризму экстремизм, радикализми динӣ ва дигар ҷиноятҳои муташаккили фаромарзӣ аз ҷавонони мо, пеш аз ҳама, зиракии сиёсӣ, илму дониш ва касбу ҳунарҳои муосир, забондонӣ, ҷаҳонбинии замонавӣ ва муҳимтар аз ҳама, ҳисси баланди миллӣ, садоқат ба давлату халқи Тоҷикистон ва худшиносиву худогоҳиро тақозо мекунад ва масъулияти онҳоро дар самти ҳимояи марзу буми кишвар ва ҳифзи амнияти давлату миллат рӯз ба рӯз баланд мебардорад.

Мо ба ҷавонони бонангу номуси худ ва ба эҳсоси гарми ватандӯстии онҳо бовари бузург дорем, бо онҳо ифтихор мекунем, зеро онҳо воқеан соҳибону бунёдгарониояндаи Ватан ва идомадиҳандагони кору фаъолияти созандаи мо ҳастанд.

Шумо, ҷавонони азиз, бояд ҳамеша дар ҷустуҷӯи илму донишҳои муосир бошед, касбу ҳунарҳои замонавиро аз худ кунед, ба миллат ва давлати соҳибистиқлоли хеш ҳамеша содиқ бошед, Ватани аҷдодиро самимона дӯст доред, забон, фарҳанг ва дигар арзишҳои миллӣ, инчунин, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллиро ҳимоя кунед, нангу номус ва ҳисси баланди ватандорӣ дошта бошед, эҳтироми падару модар ва пирону калонсолонро ба ҷо оваред.

Итминони комил дорам, ки ҷавонони ватандӯсти мо минбаъд низ бо ҳисси баланди худшиносиву худогоҳии миллӣ, зиракии сиёсӣ, ҷаҳонбинии васеъ, маърифати ҳуқуқӣ ва саъю талоши созандаву бунёдкорона барои ободии кишвар ва боз ҳам баланд бардоштани нуфузу обрӯи Тоҷикистони азизамон дар арсаи байналмилалӣ талош намуда, дар таҳкими сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ, ваҳдати миллӣ ва тақвияти пояҳои давлатдории миллии тоҷикон саҳми арзанда мегузоранд.

Бори дигар тамоми ҷавонони кишварро ба ифтихори Рӯзи ҷавонон табрик гуфта, ба ҳар яки онҳо тансиҳатӣ, иқболи баланд, саодати рӯзгор ва дар кору пайкори садоқатмандонаашон ба хотири ободии Ватани азизамон – Тоҷикистон комёбиҳои нав ба нав орзу менамоям.

**Рӯзи ҷавонон муборак,ояндасозони Тоҷикистони соҳибистиқлол!**

# «СЕРТИФИКАТИ ҲУҚУҚИ ИСТИФОДАИ ЗАМИН» БА «ШАҲОДАТНОМА ДАР БОРАИ БАҚАЙДГИРИИ ДАВЛАТӢ» ИВАЗ МЕШАВАД

**(Идома аз саҳ. 1)**

Мувофиқи талаботи қисми 2-юми лоиҳаи қонун пешбинӣ шудааст, ки дар матни меъёрҳои мушаххаси қонун калимаи «қубурҳои» ва калимаҳои дигари дар асоси решаи ин калима ташаккулёфта ба калимаи «лӯлаҳои» ва ба ин калима мувофиқ иваз карда шавад.



Ба қисмҳои 3 ва 4-уми лоиҳаи қонун пешниҳод мешавад, ки мутобиқ ба талаботи тағйиру иловаҳои соли 2016 ба Конститутсияи мамлакат воридгардида, аз матни моддаи 2 қонун калимаи «(Сарқонуни)» хориҷ ва дар сархати шашуми моддаи 5 ва матни моддаи 12 калимаи «қаламрави» ба калимаи «ҳудуди» иваз карда шавад.

Бо мақсади мушаххас намудани салоҳияти Ҳукумати мамлакат дар соҳаи нафту газ мутобиқи қисми 5 – уми лоиҳаи қонун пешниҳод мегардад, ки сархатҳои дуюм ва нуҳуми моддаи 5 қонун дар таҳрири нав ифода карда шаванд.

Бо назардошти рушди муносибатҳо дар соҳаи нафту газ ва ривоҷ ёфтани механизмҳои амалишавии талабот ба соҳа тибқи қисми 6 – уми лоиҳаи қонун мувофиқи мақсад дониста мешавад, ки ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи нафт ва газ аз нав бозбинӣ гардида, мукаммал ва мушаххас карда шуда, моддаи 6 – уми қонун дар таҳрири нав ифода карда шавад.

Бинобар мавриди таҷдид қарор гирифтани муносибатҳо вобаста ба лоиҳакашии иншооти лӯлаҳои магистралии интиқоли нафт ва газ мувофиқи қисми 7 – уми лоиҳаи қонун пешбинӣ мешавад, ки дар қисми 2-и моддаи 13-и қонуни амалкунанда калимаҳои «мақоми давлатии дахлдор муайян ва» ба калимаҳои «қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» иваз карда шаванд.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагон, Ҳукумати кишвар ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул намудани лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намуда, барои мукаммал намудани он 30 таклифу пешниҳод манзур карданд, ки аз он 17 – то қабул, 4 - то қисман қабул ва 9 таклифу пешниҳод қабул нагардид. Тағйиру иловаҳои пешниҳодгардида лоиҳаи қонунро мукаммал намуда, онро ба дигар санадҳои қонунгузорӣ мутобиқ месозанд.

Лоиҳаи қонун расмиёти дохилиро гузашта, бо иштироки намояндагони кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, намояндагони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифта, қабул намудани он мувофиқи мақсад шуморида шуд.

Лоиҳаи қонуни мазкур ба моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мухолифат надошта, амалӣ намудани он аз буҷети давлатӣ маблағи иловагиро талаб наменамояд. Бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ё пешниҳод ҳаст? Нест.

Сухани навбатӣ ба вазири энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон Далер Ҷумъа дода мешавад. Марҳамат.

**Далер ҶУМЪА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини арҷманд!**

Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафту газ» саривақтӣ мебошад. Қонуни амалкунанда 18 -уми марти соли 2015 қабул шуда, он заминаи ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, ташкилӣ ва сиёсати давлатро дар соҳаи нафту газ муқаррар менамояд. Бо мурури замон ва шароитҳои тағйирёбанда зарурати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонун, ба рушди соҳаи нафту газ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон манфиатовар ба ҳисоб меравад.

Маълум аст, ки нафт на танҳо манбаи энергия, инчунин манбаи зиёда аз 100 номгӯи маҳсулоти гуногун мебошад. Аз нафт навъҳои гуногуни сӯзишворӣ, равғанҳои молиданӣ, резин, масолеҳи сохтмонӣ, доруворӣ, атриёт ва ғайра истеҳсол мешавад. Дар ҷумҳурӣ истеҳсоли нафт ва истифодаи маҳсулоти нафтӣ аз даврони шӯравӣ ба роҳ монда, то имрӯз 25 кони нафту газдор мавриди истифода қарор дода шудааст. Замони шӯравӣ иқтидори солонаи истихроҷи нафт то ба 400 ҳазор тонна расида буд. Алҳол конҳои нафту газ дар марҳилаи анҷомёбӣ қарор доранд ва истихроҷи он ба таври назаррас коҳиш ёфтааст, ки ҳамагӣ 25 ҳазор тоннаро дар бар мегирад. Барои зиёд намудани истихроҷ таъмиру барқароркунии чоҳҳои аз эътибор соқитшуда ба таври васеъ ба роҳ монда шудааст. Имрӯз зарурати бо ҷалби сармояи хориҷиву ватанӣ ба истифода додани майдонҳои нав ба миён омадааст. Дар ин замина, бо кӯшиши вазорат барои ҷалби шарикони хориҷӣ корҳо ҷоннок карда шуда истодаанд. Конҳои нафту газ дар баробари дигар сарватҳои зеризаминӣ моликияти истисноии давлат ба шумор рафта, вобаста ба шартҳои иҷозатнома метавонад ба таври иҷора ба шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ барои истифода дода шавад. Лоиҳаи қонуни мазкур барои истифодаи захираҳои нафту газ ва маҳсулоти он равона шуда, фаъолияти истифодабарандагонро новобаста аз шакли моликияташон, ки дар соҳаи нафт ва газ фаъолият доранд, танзим менамояд.

Умед ба он аст, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафту газ» дар таҳрири нав барои пешравии соҳа ва рушди иқтисодиёти Тоҷикистони азиз саҳми босазо хоҳад гузошт. Бо камоли эҳтиром хоҳиш менамоям, ки барои қабули он овоз диҳед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ё пешниҳод ҳаст?

Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафт ва газ» ба овоз монда шуда, қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафт ва газ» ба овоз монда шуда, тасдиқ гардид.*

**РАИС: -** Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» шурӯъ менамоем.

Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатся Раҳматзода Рустам дода мешавад. Марҳамат.

**Рустам РАҲМАТЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.Ҷумъазода ва вакилони Маҷлиси намояндагон Н. Холбойзода, С. Дӯстмуродзода, А. Умарзода ва Р. Раҳматзода пешниҳод гардидааст. Мақсад аз таҳияи лоиҳаи мазкур мутобиқ гардонидани меъёрҳои қонуни амалкунанда ба талаботи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», «Дар бораи забони давлатӣ» ва бартараф намудани мухолифату норасоиҳои дохилии меъёрҳои алоҳидаи қонун, инчунин васеъ намудани ҳуқуқҳои истеъмолкунанда ва дастгирии давлатии ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунанда мебошад.

Тибқи талаботи қисми 1 - уми лоиҳаи қонун дар назар аст, ки калимаи «бинокорӣ» ба калимаи «шаҳрсозӣ» иваз карда, мафҳуми «бехатарии мол (кор, хизматрасонӣ)» дар таҳрири нав ифода карда шавад.

Бо мақсади таъмини сифати мол (кор, хизматрасонӣ) тибқи қисми 5 – уми лоиҳаи қонун пешбинӣ мешавад, ки ба моддаи 6 қонун қисми дуюм илова карда шавад. Мувофиқ ба талаботи ин меъёр аз ҷониби фурӯшанда дар шартнома муқаррар кардани шартҳои иловагӣ нисбат



ба хусусиятҳои техникии мол, ки истеҳсолкунанда муқаррар кардааст, манъ аст.

Мутобиқ ба талаботи қисми 6 – уми лоиҳаи қонун пешниҳод мегардад, ки дар бархе аз моддаҳои қонун калимаи «амволи», «амвол» ва «амволӣ» мувофиқан ба калимаҳои «молу мулки», «молу мулк» ва «молумулкӣ» иваз карда шаванд.

Бо назардошти қисмҳои 9, 10, 12 ва 13 – уми лоиҳаи қонун дар самти ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунанда оид ба муайян намудани андозаи зараре, ки дар натиҷаи маълумоти нопурра ва беэътимод дар бораи мол (кор, хизматрасонӣ) расонида шудааст, вобаста ба қонеъ нагардидани талаботи истеъмолкунандагон, ки дар ҷараёни муҳлати кафолат бо шартҳои ба камбудии мол (кор, хизматрасонӣ) алоқаманднабуда пешниҳод шудааст ё зарурати бартараф намудан ё ивази мол, инчунин ташаккул ва пешбурди махзани иттилооти дастрасро дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон, сифат ва бехатарии мол (кор, хизматрасонӣ) мушаххас шуданд.

Дар маҷмӯъ, ба беш аз 11 моддаи қонуни амалкунанда ворид намудани тағйиру иловаҳо пешбинӣ шудаанд, ки хусусияти муайянкунанда ва мутобиқкунанда доранд.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати мамлакат ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон дар хулосаҳо қабул намудани лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намуда, барои такмили он 61 таклифу пешниҳод манзур карданд, ки аз ин миқдор 35 - то қабул, 8 – то қисман қабул ва 18 таклифу пешниҳод қабул нагардид. Бо ворид намудани таклифу пешниҳодҳо лоиҳаи қонуни мазкур мукаммал гардида, ба дигар санадҳои қонунгузории мамлакат мутобиқ шуд.

Лоиҳаи қонуни мазкур расмиёти дохилиро гузашта, ба моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои қонунгузории мамлакат, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон мутобиқ буда, амалӣ намудани он аз буҷети давлатӣ маблағи иловагиро талаб намекунад. Бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки ба ҷонибдории лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» овоз диҳед.

**РАИС: -** Ба маърӯзачӣ савол ё пешниҳод ҳаст? Нест.

Сухани навбатӣ ба сардори Хадамоти зидиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Муминзод Абдулмаҷид Мубин дода мешавад. Марҳамат.

**Абдулмаҷид МУМИНЗОД:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» барои мутобиқ гардонидани меъёрҳои



Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» ба талаботи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», «Дар бораи забони давлатӣ», инчунин васеъ намудани ҳуқуқҳои истеъмолкунанда ва дастгирии давлатии ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунанда таҳия шудааст.

Дар шароити имрӯза яке аз самтҳои асосии фаъолияти Хадамоти зиддиинҳисорӣ ташкили шароити мусоид барои ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ба ҳисоб меравад. Бо ин мақсад дар хадамот телефонҳои боварӣ ташкил шудааст, ки тавассути он ҳар як истеъмолкунанда вобаста ба ҳимояи ҳуқуқи худ метавонад бо кормандони хадамот дар тамос шавад.

Бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон»-ро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ё пешниҳод ҳаст?

Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» ба овоз монда шуда, қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» ба овоз монда шуда, тасдиқ гардид.*

**РАИС: -** Ба баррасии масъалаи навбатӣ - «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон» шурӯъ менамоем.

Сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ, захираҳои об ва замин Файзулло Қосимӣ дода мешавад. Марҳамат.

**Файзулло ҚОСИМӢ:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қосимӣ Файзулло ва Ахмедов Мирзоанвар бо мақсади такмили асосҳо ва механизмҳои муқаррарнамудаи ҳуқуқи истифодаи замин, вобаста ба меъёрҳои муқарраргардидаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он» таҳия ва пешниҳод гардидааст.

То мавриди амал қарор гирифтани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он» Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин дар китоби бақайдгирии замин ба қайди давлатӣ гирифта



мешуд. Пас аз мавриди амал қарор гирифтан, тибқи талаботи моддаи 8 ҳамин қонун ва моддаи 139 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳои ба он вобаста дар Феҳристи ягонаи давлатӣ ба қайди давлатӣ гирифта шуда, тасдиқи анҷомдиҳии бақайдгирии давлатӣ мутобиқи моддаи 38 – уми қонуни мазкур бо шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ тасдиқ карда мешавад.

Дар ин асно, дар асоси қисми 1 моддаи 1- уми лоиҳаи қонун пешниҳод мегардад, ки мутобиқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлати молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он» дар зербанди а) қисми якуми моддаи 17 калимаҳои «Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин» ба калимаҳои «Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ» иваз карда шаванд. Тибқи талаботи сархатҳои дуюм ва сеюми қисми 2 моддаи 1 – уми лоиҳа пешниҳод мешавад, ки ба қисми якуми моддаи 27 калимаҳои «зарур аст» ба калимаҳои «дар доираи меъёрҳои муқарраргардида» ва калимаи «ҳудуди» ба калимаҳои «меъёрҳои муқарраргардидаи» иваз шаванд.

Бо мақсади возеҳ намудани тартиби қатъ гардонидани ҳуқуқҳои истифодаи қитъаҳои замини истифоданашуда ба қисми чоруми моддаи 27 – уми кодекс пешниҳод мешавад, ки дар ин маврид тартиби пешбининамудаи моддаҳои 37ва 39 – уми Кодекси мазкур татбиқ гардад.

Бо қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 – уми майи соли 2022 таҳти № 1657 лоиҳаи қонун барои хулоса ба Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба масъалаҳои аграрӣ, захираҳои об ва замин, кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои додани хулосаи ҳуқуқӣ ба Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардид. Он расмиёти дохилиро гузашта, дар мувофиқа бо субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ 24 таклиф пешниҳод шуда, аз он 13 - то қабул, 8 - то қисман қабул ва 3 таклиф қабул нагардид.

Кумитаи масъул лоиҳаи қонуни зикргардидаро дар ҷаласаи васеъ бо иштироки намояндагони кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагон, Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон, мушовири бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ ва намояндаи Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор доданд.

Лоиҳаи қонуни мазкур ба Конститутсия ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухолифат надошта, амалӣ намудани он аз буҷети давлатӣ маблағи иловагиро талаб наменамояд. Бо камоли эҳтиром хоҳиш менамоям, ки барои қабули он овоз диҳед.

**РАИС: -** Ба маърӯзачӣ савол ё пешниҳод ҳаст?

Сухан ба вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустам Раҳматзода дода мешавад.

**Рустам РАҲМАТЗОДА: -** Пас аз қабули лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон» Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин, ки ба шаҳрвандон дода шудааст, иваз мешавад ё бо Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ баробарарзиш эътироф шудааст?

**Файзулло ҚОСИМӢ:** - Сертификатҳое, ки то ин вақт гирифта шудааст, арзишашонро гум намекунанд, зеро қонун қувваи бозгашт надорад. Ҳангоми зарурат метавон онҳоро бо шаҳодатнома иваз кард.

**РАИС:** - Боз кӣ савол ё пешниҳод дорад? Нест.

Сухани навбатӣ ба раиси Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон Хоҷазода Ориф Ашӯрӣ дода мешавад. Марҳамат.

**Ориф ХОҶАЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Пешниҳод гардидани тағйирот ба қисми аввали моддаи 17 ва иловаҳо ба ҷумлаҳои якуму дуюми қисми аввал, инчунин ба қисми чоруми моддаи 27-и Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳадаф аз он ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар мутобиқ намудани кодекси мазкур ва такмили он мебошад, яке аз иқдоми беҳтарини вакилони мардумӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин замина дар моддаи 15 – уми Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидааст, ки бақайдгирии давлатии қитъаи замин ва ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он» амалӣ мешавад.



Тибқи талаботи моддаи 38-и Қонуни Ҷумқурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он», тасдиқи бақайдгирии давлатӣ ба молу мулки ғайриманқул бо роҳи додани Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ амалӣ мегардад. Аз ин рӯ, бо мақсади мутобиқ намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ зарурати ворид намудани тағйиру илова ба моддаи 17-и Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён омада, дар сурати қабул гардидани лоиҳаи қонуни мазкур ба ҷойи «Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин», ки айни ҳол дар Кодекси замин зикр шудааст, минбаъд «Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ» муқаррар мешавад.

Инчунин, ворид шудани тағйиру иловаҳо, аз ҷумла мафҳуми «дар доираи меъёрҳои муқарраргардида» ва иваз шудани калимаи «ҳудуди» ба калимаҳои «меъёрҳои муқарраргардидаи» ба моддаи 27-и Кодекси замин барои боз ҳам мукаммал гардидани кодекс мусоидат мекунад.

Бо камоли эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни пешниҳодшударо ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ё пешниҳод ҳаст?

Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Масъалаҳое, ки ба рӯзномаи ҷаласа пешбинӣ гардида буданд, баррасӣ шуданд.

Доир ба рафти ҷаласа эроду пешниҳод ҳаст? Нест.

Барои иштирокатон миннатдорӣ намуда, ҷаласаро пӯшида эълон менамоям.

**Хӯҷаназари АМИНИЁН,**
**Шариф АТОБУЛЛОЕВ,**
**«Садои мардум».**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

---

**Бино ба иттилои Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ, дар ҷаҳон беш аз 1 миллиард нафар яке аз навъҳои маъюбиро доранд, ки ин шумора 15 фоизи аҳолии кураи заминро ташкил медиҳад. Аз ин теъдод 80 фоизашон синни қобили меҳнат мебошанд.**

# ЧАРО ДАР БАЪЗЕ МАВРИД ҲУҚУҚИ ШАХСОНИ МАЪЮБ НАҚЗ МЕШАВАД?

Тавре дар суҳбат муовини сардори шуъбаи ҳифзи давлатии ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Саидалӣ Бобохонзода зикр намуд, шахсони маъюб дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тамоми ҳуқуқҳо бархӯрдор мебошанд. Аз ҷумла, дар моддаи 39 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст: «Ҳар шахс дар пиронсолӣ, ҳангоми беморӣ, маъюбӣ, гум кардани қобилияти кор, маҳрум шудан аз сарпараст ва мавридҳои дигаре, ки қонун муайян кардааст, кафолати таъмини иҷтимоӣ дорад».

Ҳамчунин, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон» ва вобаста ба ҳифзи ҳуқуқҳои онҳо стратегия, барнома ва нақшаҳои миллӣ қабул гардидаанд. «Барномаи миллии тавонбахшии маъюбон барои солҳои 2017-2025», «Барномаи давлатии муҳити дастрас», «Қоидаҳои бо воситаҳои техникии тавонбахшӣ таъмин намудани маъюбон» аз ҳамон ҷумлаанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон узви комилҳуқуқи Созмони Милали Муттаҳид буда, як қатор санадҳои байналмилалӣ дар самти ҳифзи ҳуқуқи инсон, аз ҷумла Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон, Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, Протоколи иловагӣ ба Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, Конвенсия оид ба ҳуқуқҳои кӯдак, Конвенсия дар бораи барҳам додани тамоми шаклҳои табъиз нисбат ба занон, Конвенсияи байналмилалӣ дар бораи барҳам додани тамоми шаклҳои табъизи нажодӣ, Конвенсияи зидди шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф, Конвенсияи байналмилалӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқи ҳамаи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳоро, ба тасвиб расонидааст.

Қайд кардан бамаврид аст, ки бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 22-юми марти соли 2018 дар қароргоҳи Созмони Милали Муттаҳид ба Конвенсия оид ба ҳуқуқҳои маъюбон имзо гузошта шуд.

- Барои амалӣ гардонидани уҳдадориҳо қабул намудани меъёрҳои мутобиқ ба муқаррароти конвенсияи мазкур ва бекор кардан ё тағйир додани қонунҳое, ки боиси табъизи шахсони маъюб мегарданд, дар стратегия ва барномаҳо ба назар гирифтани ҳуқуқҳои маъюбон зарур аст,- зикр намуд Саидалӣ Бобохонзода.

Аз ин лиҳоз, дар назди Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гурӯҳи корӣ иборат аз намояндаи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва вазорату идораҳои дахлдор таъсис дода шуд. Аз ҷониби ин гурӯҳ «Харитаи роҳ» ва дар асоси он «Нақшаи миллии амалҳо оид ба омодагии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ба тасвиб расонидани Конвенсияи СММ дар бораи ҳуқуқҳои маъюбон барои давраи то соли 2024» қабул гардид.

Тавре С. Бобохонзода қайд намуд, айни ҳол дар ҷумҳурӣ биноҳои нави баландошёна қомат афрохта истодаанд. Барои дастрасии маъюбон ба биноҳои инфрасохторӣ кормандони мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ҳамасола дар панҷ шаҳру ноҳия санҷишҳо мегузаронанд. Натиҷаи санҷиш нишон дод, ки дастрасии маъюбон ва гурӯҳи камҳаракати аҳолӣ ба бино ва иншооти инфрасохтории ҳудуди шаҳру ноҳияҳо мувофиқи мақсад нест. Аз ҷониби Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон аз натиҷаи санҷишҳои гузаронидашуда ба роҳбарияти шаҳру ноҳияҳо барои бартараф кардани камбудиҳо тавсияҳо дода шуд.



Зикр шуд, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон» мақомоти ҳокимияти давлатӣ, худидоракунии шаҳрак ва деҳот, дигар ташкилотҳоро муваззаф гардонидааст, ки барои дастрасии бемамониати маъюбон ба иншооти иҷтимоии инфрасохторӣ (истиқоматӣ, ҷамъиятӣ, биноҳои истеҳсолӣ, иншооти варзишӣ, мавзеъҳои истироҳатӣ, муассисаҳои мадонию маърифатӣ ва дигар иншооту муассисаҳо) шароит фароҳам оранд.

Талаботи шахсони маъюб барои истифодаи нақлиёти ҷамъиятӣ асосан дар шаҳрҳои калон ба назар гирифта мешаванд. Масалан, дар ин самт аз ҷониби Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе пайваста чораандешӣ мешавад.

Таъмин шудан бо кор мушкили дигари маъюбон мебошад. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон» оид ба муқаррар шудани квотаҳо барои маъюбон аз ҷониби корфармоён дар аксар ҳолат риоя намешавад.

Шояд мушкил дар он бошад, ки дар тасаввури ҷомеа шахси маъюб инсони нотавону эҳтиёҷманд аст. Барои аз байн бурдани ин ақида моро зарур аст, ки барномаву консепсияҳоеро, ки доир ба ҳуқуқҳои маъюбон қабул мешаванд, тарғиб намоем.

**Мафтунаи ҲИСОРӢ,**
**«Садои мардум»**

**Хонандагони азиз, Шумо метавонед хабару гузориш, матолиби мукаммалу таҳлилӣ ва шакли электронии рӯзномаи «Садои мардум»-ро аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.**

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № лот | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 415643 | Муассисаи давлатии «Муҷтамаи ҷумҳуриявии осорхонаҳои Кӯлоб» | Таъмири асосии бинои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 27.05.2023 18:20:25 |
| 2 | 415647 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии клиникии наркология ба номи Ғуломов Минҳоҷ Ғуломович»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таъмири ҷории бинои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 02.06.2023 09:00:00 |
| 3 | 415648 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе | Таъмири роҳрав бо тахтасанг дар ҳудуди ноҳия | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 02.06.2023 09:15:00 |
| 4 | 415653 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе | Қисмҳои эҳтиётӣ барои нақлиёти истифодаи умум | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 362 | 02.06.2023 15:55:55 |
| 5 | 415639 | Раёсати таъминоти моддӣ - техникӣ ва низомии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Турникет ва ноқил барои нақлиёт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 5 | 12.06.2023 16:40:00 |
| 6 | 415640 | Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Либоси махсуси корӣ ва пойафзол | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 3 | 12.06.2023 16:45:00 |
| 7 | 415645 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Меваҳои тару тоза ва хушк | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 11 | 12.06.2023 17:30:00 |
| 8 | 415646 | Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таҷҳизоти батиметрӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 13.06.2023 08:30:00 |
| 9 | 415614 | Муассисаи давлатии «Боғи фарҳангӣ-фароғатии «Ҷавонон»-и Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе | Гулҳои мавсимӣ, нуриҳои органикӣ ва минералӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 14 | 13.06.2023 09:00:00 |
| 10 | 415649 | Маҷмааи давлатии «Қасри миллат»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Тормозҳои электромагнитии лифтҳо ва манбаи доимии барқ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 3 | 13.06.2023 09:20:17 |
| 11 | 415650 | Маҷмааи давлатии «Қасри миллат»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Мошинаи алафдаравӣ, ноқил, таҷҳизоти сабти видео ва равғани гидравликӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 16 | 13.06.2023 09:40:36 |
| 12 | 415652 | Муассисаи давлатии таълимии «Литсейи касбӣ - техникии нақлиёти автомобилӣ»-и шаҳри Душанбе | Хӯрокворӣ, молҳои хоҷагидорӣ ва канселярӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 59 | 13.06.2023 10:00:00 |
| 13 | 415651 | Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Мол, либос ва пойафзоли варзишӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 23 | 13.06.2023 10:20:17 |
| 14 | 415654 | Муассисаи давлатии «Маркази ёрии ҳуқуқӣ» | Кондитсионер | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 13.06.2023 10:34:00 |
| 15 | 415655 | Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино | Таъмири асосии ошёнаи 3-юми хобгоҳи №7-и муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 13.06.2023 11:00:00 |
| 16 | 415656 | Муассисаи давлатии «Телевизиони мусиқии Тоҷикистон - Шаҳнавоз» | Таҷҳизоти рақамӣ, стабилизатори дастӣ ва радиосистема | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 5 | 13.06.2023 11:15:00 |
| 17 | 415657 | Ҷамоати шаҳраки Чорух - Дайрони шаҳри Гулистон | Таъмири намуди бинои фарҳанги ҷамоат | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 13.06.2023 13:13:13 |
| 18 | 415658 | Раёсати Хадамоти давлатии оташнишонии шаҳри Душанбе | Моеи кафккунанда, инвентари оташнишонӣ ва молҳои хоҷагидорӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 19 | 13.06.2023 13:30:00 |
| 19 | 415659 | Муассисаи давлатии «Маркази саломатӣ»-и ноҳияи Мастчоҳ | Сохтмони ҳоҷатхона дар муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 13.06.2023 14:00:00 |
| 20 | 415660 | Нозироти идоракунӣ ва хизматрасонии фонди манзил дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе | Рангубор намудани намои бинои истиқоматии чорошёнаи №76/1 ва нухошёнаи №112, воқеъ дар кӯчаи Н. Қарабоеви ноҳия | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 13.06.2023 14:30:00 |
| 21 | 415661 | Муассисаи давлатии таълимии махсуси «Интернати ҷумҳуриявии кӯдакони шунавоишашон суст ва деркаршуда»-и ноҳияи Рӯдакӣ | Мебел, компютер, роҳаткурсӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 6 | 13.06.2023 15:10:39 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак ҷиҳати бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои БДА ҶТ «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда мӯҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели 22.**

**Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.**

# ҶДММ ТАШКИЛОТИ АМОНАТИИ ҚАРЗИИ ХУРДИ «ФУРӮЗ»

**Ҳисоботи молиявӣ барои соле, ки 31 декабри соли 2022 анҷом ёфтааст**

## ҲИСОБОТ ОИД БА ВАЗЪИ МОЛИЯВӢ

| Бо ҳисоби сомонӣ | Эзоҳҳо | Дар санаи 31 декабри соли 2022 | Дар санаи 31 декабри соли 2021 |
|---|---|---|---|
| **ДОРОИҲО** | | | |
| Воситаҳои пулӣ ва ҳамарзишҳои онҳо | 8 | **16,914,965** | 7,654,429 |
| Воситаҳо дар бонкҳо ва дигар ташкилотҳои молиявӣ | 9 | **1,020,240** | 7,198,864 |
| Қарзҳои ба мизоҷон пешниҳодшуда | 10 | **76,086,029** | 60,897,004 |
| Дороиҳои барои фурӯш *пешниҳодшуда* | 11 | **91,630** | - |
| Воситаҳои асосӣ | 12 | **1,328,008** | 1,316,958 |
| Дороиҳои дар шакли ҳуқуқи истифодабарӣ | 13 | **1,677,839** | 1,501,940 |
| Дороиҳои ғайримоддӣ | 14 | **399,996** | 301,106 |
| Дороиҳои андози ба мавқуфгузошта | | **1,527** | 448,057 |
| Дороиҳои дигар | 15 | **15,639,969** | 12,042,099 |
| **ҲАМАГӢ ДОРОИҲО** | | **113,160,203** | 91,360,457 |
| **УҲДАДОРИҲО ВА САРМОЯ** | | | |
| **Уҳдадориҳо** | | | |
| Амонатҳои мизоҷон | 16 | **4,173,202** | - |
| Қарзҳо барои пардохт | 17 | **85,855,024** | 78,531,481 |
| Қарзҳои субординарӣ | 18 | **6,534,220** | - |
| Уҳдадориҳо оид ба иҷора | 13 | **1,903,794** | 1,662,795 |
| Уҳдадориҳои ҷорӣ аз рӯи андоз аз даромад | | **-** | 293,743 |
| Уҳдадориҳои дигар | 19 | **1,030,453** | 893,475 |
| **ҲАМАГӢ УҲДАДОРИҲО** | | **99,496,693** | 81,381,494 |
| **Сармоя** | | | |
| Сармояи саҳомӣ | 20 | **7,882,813** | 7,882,813 |
| Барзиёдии сармоя | 20 | **2,207,148** | 3 |
| Захираҳои умумӣ | | **1,804,472** | 1,276,815 |
| Захираи азнавбаҳодиҳии воситаҳои асосӣ | | **261,778** | 291,676 |
| Фоидаи ҷамъшуда | | **1 507 299** | 527,656 |
| **ҲАМАГӢ САРМОЯ** | | **13 663 510** | 9,978,963 |
| **ҲАМАГӢ УҲДАДОРИҲО ВА САРМОЯ** | | **113 160 203** | 91,360,457 |

Ҳисоботи молиявӣ, ки дар саҳифаҳои аз 7 то 64 пешниҳод шудааст, аз ҷониби Директори генералӣ ва Сармуҳосиби Ташкилот дар санаи 28 апрели соли 2023 ба имзо расидааст.

Эзоҳҳои замимашудаи саҳифаҳои аз 12 то 64 қисми ҷудонашавандаи ин ҳисоботи молиявӣ мазкур ба ҳисоб мераванд.

Ҳанс Йоахим Йекле
Директор

Улугов Илҳомҷон Деҳқонбаевич
Сармуҳосиб

## ҲИСОБОТ ОИД БА ФОИДА Ё ЗАРАР ВА ДИГАР ДАРОМАДҲОИ МАҶМӮЙ

| Бо ҳисоби сомонӣ | Эзоҳҳо | Барои соле, ки 31 декабри соли 2022 анҷом ёфтааст | Барои соле, ки 31 декабри соли 2021 анҷом ёфтааст |
|---|---|---|---|
| Даромадҳои фоизӣ ва даромадҳои ба он монанд | 21 | **25,520,612** | 19,990,003 |
| Хароҷотҳои фоизӣ ва хароҷотҳои ба он монанд | 21 | **(12,076,892)** | (9,949,061) |
| **ДАРОМАДИ СОФИ ФОИЗӢ** | | **13,443,720** | 10,040,942 |
| Даромадҳои комиссионӣ | 22 | **895,161** | 467,401 |
| Хароҷотҳои комиссионӣ | *22 | **(494,404)** | (608,180) |
| **ДАРОМАДИ СОФИ КОМИССИОНӢ** | | **400,757** | (140,779) |
| Ташаккулёбии захираҳо таҳти беқурбшавии дороиҳое, ки аз рӯи онҳо фоизҳо ҳисоб карда мешаванд | 23 | **(2,052,225)** | (828,994) |
| Даромади соф аз рӯи амалиётҳо бо асъори хориҷӣ | 24 | **(59,934)** | (324,873) |
| Даромадҳои дигар | 25 | **1,276,890** | 630,294 |
| **ДАРОМАДҲОИ СОФИ АМАЛИЁТӢ** | | **13,009,208** | 9,376,590 |
| Хароҷотҳои амалиётӣ | 26 | **(10,484,843)** | (8,311,964) |
| **ФОИДА ТО АНДОЗБАНДӢ** | | **2,524,365** | 1,064,626 |
| Андоз аз фоида | 27 | **(1,017,066)** | (439,986) |
| **ФОИДА/(ЗАРАР) ДАР ДАВОМИ СОЛ** | | **1,507,299** | 624,640 |
| ДАРОМАДҲОИ ДИГАРИ МАҶМӮИИ СОЛОНА | | **-** | - |
| **ҲАМАГӢ ДАРОМАДИ МАҶМӮЙ** | | **1,507,299** | 624,640 |

Ҳисоботи молиявӣ, ки дар саҳифаҳои аз 7 то 64 пешниҳод шудааст, аз ҷониби Директори генералӣ ва Сармуҳосиби Ташкилот дар санаи 28 апрели соли 2023 ба имзо расидааст.

Эзоҳҳои замимашудаи саҳифаҳои аз 12 то 64 қисми ҷудонашавандаи ин ҳисоботи молиявӣ мазкур ба ҳисоб мераванд.

Ҳанс Йоахим Йекле
Директор

Улугов Илҳомҷон Деҳқонбаевич
Сармуҳосиб

# ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Шиносномаи техникии ҳавлидории гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар ноҳияи Рӯдакӣ соли 2003 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Чимтеппа, деҳаи Чимтеппа ба Баҳромова Мунавара додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати №235556-и гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №35-и ноҳияи Панҷакент (ҳоло шаҳри Панҷакент) соли 1969 ба Саидова Рогия додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматии гумшуда таҳти қайди 9Д-1504, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе 21-уми июли соли 1992 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Шарқ, бинои 60, ҳуҷраи 1 ба Суфиев Бобомурод Давлатович додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти № 0349768-и гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Панҷакент 23-юми майи соли 2018 РЯМ 6030136512 ба Собиров Муҳаммадҷон Жалолович додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати силсилаи А№ 122069-и гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №3-и ноҳияи Қубодиён соли 1991 ба Мирзоев Фарҳод додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтарчаи имтиҳонии гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур соли 2012 ба Тешаев Парвизҷон Қурбоналиевич додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати №0086485-и гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №33-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 2007 ба Одинаев Ризвоншоҳ Зайдуллоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати дар бораи хатми таҳсилоти миёнаи нопурраи силсилаи А-АТА №0024424-и гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №5-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе соли 2014 ба Арабова Ҳанифа Муродалиевна додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати силсилаи Т-АТУ №0639054-и гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии 68-и ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе соли 2019 ба Табаров Авзалшоҳ Муҳамадович додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшудаи силсилаи МБПУ №0000286-и гумшуда, ки онро Мактаби байналмилалии президентӣ дар шаҳри Душанбе соли 2022 ба Бхат Муҳаммадатҳар Шабир додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестат дар бораи хатми таҳсилоти миёнаи нопурраи гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 18 (ҳоло №11) -и ноҳияи Рӯдакӣ соли 1996 ба Суюнова Наргиса Самандаровна додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи хатми таҳсилоти миёнаи умумии силсилаи Т-АТУ №0725212- и гумшуда, ки онро Литсейи филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе соли 2020 ба Маҳмадов Муҳаммаддовуд Сулаймонҷонович додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи хариду фурӯши квартираи силсилаи ДШ №1424585-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Фирдавсӣ таҳти феҳристи 1Ш-3187 санаи 4-уми октябри соли 2022 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Шестопалов, бинои 2/4, ҳуҷраи 40 ба Раҳмонқулова Замирахон Ҳайдаралиевна додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии таъсисёбии гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Сино 31-уми марти соли 2011 ба Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Солар НГ Душанбе» (РЯМ 0410014404) додааст, эътибор надорад.

✓ Муҳри гумшудаи Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Матин масолеҳ» эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №38-и ноҳияи Шуғнон соли 1986 ба Худоназаров Худоназар Давлатназарович додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии № 0047803 ва Иқтибос аз Феҳристи ягонаи соҳибкорони инфиродии гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Шӯрообод 9-уми апрели соли 2010 ба Насридинов Садулло (РЯМ 2530002109) додааст, эътибор надоранд.

✓ Шартномаи №07/11 А-20-и гумшуда «Дар бораи иштироки шарикӣ дар сохтмони бинои истиқоматии баландошёна, воқеъ дар шаҳри Душанбе, кӯчаи А. Лоҳутӣ №№33-33/1, ки 22-юми феврали соли 2020 байни шаҳрванд Ниёзов Шаҳзод Раҷабович ва ҶДММ «Шаҳри зебои мо» баста шудааст, инчунин расиди №101-и гумшуда, аз 6-уми марти соли 2020 оид ба пардохти маблағ аз ҷониби Ниёзов Ш.Р. эътибор надоранд.

✓ Шаҳодатномаи ҳуқуқ ба моликият таҳти феҳристи 8Н-894-и гумшуда, ки онро Саридораи нотариалии давлатии шаҳри Душанбе 19-уми сентябри соли 1989 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Фадеев, хонаи 32 ба Назиров Сафаралӣ додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос аз рӯи қонун таҳти феҳристи 8Н-894-и гумшуда, ки онро Саридораи нотариалии давлатии шаҳри Душанбе 19-уми сентябри соли 1989 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Фадеев, хонаи 32 ба Назиров Сафаралӣ додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати силсилаи АБ №030849-и гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №93-и шаҳри Душанбе соли 1997 ба Собирова Гулпарӣ Корчаевна додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати силсилаи Т-АТУ № 0278708-и гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №38-и шаҳри Душанбе соли 2016 ба Усманова Рухшона Рустамовна додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати № 098591-и гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №9-и ноҳияи Дарвози Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон соли 1994 ба Назриева Матлуба Мазамшоевна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи шаҳрвандии № A03834274-и гумшуда, ки онро ШВКД-1 дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 26-уми январи соли 2022 ба Мирзоев Сайидо Зоирович додааст, эътибор надорад.

# БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ Кооперативи тиҷоратии «Фазо – Нур» (РЯМ 3210000860, РМА 320002938), ки 14-уми феврали соли 2002 дар Нозироти андози ноҳияи Қубодиён ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

Конститутсия - кафолати ҳуқуқи инсон ва давлатдорӣ ва волоияти қонун

Садои мардум

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Абдухолиқ Мирзоев, Шариф Атобуллоев, Фарзона Файзалиева.*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238- 53- 71; Сармуҳаррир факс 221- 36- 04; муовини аввал, роҳбари шабакаи мухбирони махсус 238- 53- 56; муовин 238- 54- 52; котибот 238- 59- 32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқ 238- 58- 95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоӣ 238- 52- 97; шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент 238- 58- 93; муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа 238- 58- 91; муҳосибот 238- 53- 49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238- 54- 57; мухбирони махсуси музофотӣ дар ВМКБ 93- 355- 51- 03, 93- 458- 65- 69, Бохтар 919- 67- 88- 78, Кӯлоб 985- 82- 81- 97, Хуҷанд 92- 773- 28- 76, 92- 771- 76- 72, водии Зарафшон 93- 535- 06- 66, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор 918- 68- 40- 17, НТМ 000- 03- 03- 80.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 24 майи соли 2023, соати 18:30 иҷозат дода шуд. Адади нашр 35705 нусха*

Навбатдорони шумора Ш. Атобуллоев ва Ш. Абдулвоҳидова

Тарроҳони компютерӣ Т. Курбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30- юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97